## 5. ҚАТЪНОМАИ 65/154 – СОЛИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲАМКОРӢ ДАР СОҲАИ ОБ, СОЛИ 2013

Соли 2013 ҳамчун Соли байналмилалии ҳамкории об эълон гардид, ки он бар асоси Қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид № 65/154 аз 20 декабри соли 2010 пазируфта шуд. Иқдоми эълони соли 2013 ба сифати Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод гардида, дар Созмони Милали Муттаҳид дастгирии васеъ пайдо намуд. Қабули он идомаи мантиқии дипломатияи устувори обии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд, ки қаблан дар ташаббусҳои марбут ба Соли байналмилалии оби тоза ва Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» мустаҳкам гардида буд. Бо ин роҳ, стратегияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон аз сатҳи бардоштани масъалаи глобалии дастрасӣ ба об ба марҳилаи ташаккули механизмҳои амалӣ ва ҳамкорӣ миёни кишварҳои дорои ҳавзаҳои обии муштарак ва хатарҳои гидрологӣ гузашт.

Шароити байналмилалӣ дар марҳалаи гузариш аз даҳсолаи аввал ба даҳсолаи дуюми асри XXI ба мавзуи об хусусияти ҳассос ва фавқулода бахшид. Дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон нишонаҳои афзояндаи рақобат барои захираҳои обӣ мушоҳида мешуданд, ки онҳо аз афзоиши аҳолӣ, суръат гирифтани саноатишавӣ, тағйирёбии иқлим, таназзули низоми пиряхҳо ва сиёсати бесамар дар соҳаи кишоварзӣ сарчашма мегирифтанд. Дар қитъаҳои дорои ҳиссаи зиёди дарёҳои фаромарзӣ, аз ҷумла Осиё ва Африка, масъалаи об на танҳо ба сифати мушкили экологӣ, балки ҳамчун омили амнияти минтақавӣ зуҳур менамуд. Дар чунин шароит, пазируфтани зарурати ҳамкорӣ ба унвони шарти калидии пешгирии низоъҳо ва таҳкими эътимод аҳамияти сарнавиштсоз пайдо кард.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми пешниҳоди ташаббуси Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об ба се далели асосӣ такя намуданд. Аввалан, об манбаи ҳаёт ва ҷузъи амнияти инсон мебошад. Дастрасии кафолатнок ба оби тозаву амн ба таври мустақим ба саломатии аҳолӣ, тавозуни демографӣ ва устувории низоми тандурустӣ таъсир мерасонад. Дуюм, захираҳои обӣ дар иқтисод ивазнопазиранд: онҳо барои кишоварзӣ, энергетика, саноат ва инфрасохтори шаҳрӣ нақши калидӣ мебозанд. Сеюм, об дорои хусусияти фаромарзӣ буда, бинобар ин, танҳо тавассути идоракунии муштарак, ҳамоҳангсозии меъёрҳо ва механизмҳои тақсимот, ки бо истифода аз роҳҳои дипломатӣ ва тартиботи эътирофшудаи байналмилалӣ имконпазир аст, самаранок истифода мешавад.

Ҷуғрофияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қисми назарраси ҷараёни рӯизаминии Осиёи Марказиро фароҳам меорад ва нақши стратегӣ доштани пиряхҳои Помиру Ҳисору Алай дар тавозуни обии минтақа, мавқеи кишварро дорои асоснокии баланд мегардонад. Тоҷикистон худро на танҳо ҳамчун давлати манфиатдор дар идоракунии оқилонаи захираҳои обӣ, балки ҳамчун ҷонибдори масъул, омода ба мусоидат дар таҳияи қарорҳои муштарак

муаррифӣ намуд. Бо ҳамин сабаб, ташаббуси пешниҳодгардида дар Маҷмаи Умумии СММ дастгирии фарох пайдо кард ва дар қатъномаи A/RES/65/154 аз 20 декабри соли 2010 мустаҳкам гардид, ки соли 2013-ро Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об эълон намуд.

Ҳадафи асосии ин сол тарғиби фарҳанги муколама байни кишварҳои истифодаи муштараки захираҳои обӣ ва таҳияи воситаҳои амалии ҳамкорӣ буд, ки имкон медиҳанд танишҳо коҳиш ёбанд ва низоъҳои обӣ пешгирӣ гарданд. Дар ҳуҷҷатҳои марбут ба татбиқи ташаббус ба масъалаи мубодилаи таҷрибаҳо дар самти идоракунии ҳамгироии захираҳои обӣ, ҳамоҳангсозии реҷаҳои истеъмол ва ихроҷи об, стандартизатсияи нишондиҳандаҳои экологӣ, рушди низомҳои шаффофи иттилоотӣ оид ба тавозуни об ва сифати он аҳамияти махсус дода шуд.

Самти муҳими дигар таҳияи барномаҳои таълимӣ ва маърифатӣ гардид. Давлатҳо тавсия гирифтанд, ки мавзуи истифодаи муштараки обро ба барномаҳои миллии таълимӣ ворид намуда, барномаҳои байнидонишгоҳиро инкишоф диҳанд ва мубодилаи таҷрибаи ниҳодҳои соҳавӣ ва муассисаҳои илмиро дастгирӣ кунанд. Ҷалби фаъолонаи занон, ҷавонон ва ҷомеаҳои маҳаллӣ ба равандҳои қабули қарорҳои марбут ба идоракунии захираҳои об муҳим арзёбӣ гардид, зеро ин ҳамгироии иҷтимоӣ устувории созишҳо ва қобилияти амалӣ гардидани онҳоро тақвият мебахшад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи ташаббус рушди хоса ёфт. Соли 2013 дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалии сатҳи баланд бахшида ба ҳамкориӣ дар соҳаи об баргузор гардид, ки намояндагони беш аз сад давлат, созмонҳои байналмилалӣ, марказҳои тадқиқотӣ, муассисаҳои молиявӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро гирд овард. Ин форум на танҳо минбар барои мубоҳисаҳо, балки воситаи мувофиқсозии равишҳо ба идоракунии обҳои фаромарзӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон гардид. Ин ҳамоиш мақоми Душанберо ҳамчун маркази эътирофшудаи муколамаи ҷаҳонии обӣ тақвият бахшид ва заминаи ташаккули «Раванди оби Душанбе»-ро гузошт.

Дар конфронс масъалаҳои ҳамоҳангсозии стратегияҳои миллии истифодаи об, ташкили комиссияҳои бисёрҷонибаи ҳавзавӣ, нақши иттилооти дурдасти замин дар идоракунии низомҳои пиряхӣ ва рӯдхонаӣ, ҳамчунин роҳҳои маблағгузории лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва мутобиқшавӣ баррасӣ шуданд. Ба масъалаҳои тағйирёбии иқлим таваҷҷуҳи вижа зоҳир гардид: таназзули пиряхҳо ҳамчун омили низомвӣ эътироф шуд, ки тавозуни дарозмуддати обиро тағйир медиҳад ва муттаҳид сохтани моделҳои обӣ ва иқлимиро дар сенарияҳои пешгӯишаванда зарур месозад.

Бо роҳбарии Пешвои миллат консепсияи асосии Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об чунин баён гардид: «об заминаи умумибашарӣ барои муколама, эътимод ва ҳамзистии устувор аст». Ин равиш мухолифи андешаи густурдаи он замон буд, ки обро ҳамчун манбаи эҳтимолии низоъҳои оянда муаррифӣ мекард. Ташаббуси Тоҷикистон равандҳои ҷаҳониро аз мантиқии низоъ ба мантиқии ҳамкорӣ равона намуд. Ҳамкорӣ дар соҳаи об ҳамчун зарурати башардӯстона, қарзи экологӣ ва мантиқии иқтисодӣ пазируфта шуд.

Ин равиш дар созишномаҳо ва барномаҳои минбаъдаи байниҳукуматӣ, аз ҷумла дар минтақаи Осиёи Марказӣ таҷассум ёфт. Мубодилаи маълумоти гидрологӣ, ҳамоҳангсозии реҷаҳои обанборҳо, машваратҳо оид ба обёрӣ ва энергетика тадриҷан эътимод миёни кишварҳои ҳавзаҳои Амударё ва Сирдарёро таҳким бахшид. Ҳарчанд ҳамаи масъалаҳо пурра ҳал нагардидаанд, маҳз Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об заминаи навро барои музокирот фароҳам овард ва зарурати манфиатҳои умумӣ ва мутақобилан созишпазириро эътироф кард.

Яке аз қувваҳои асосии ташаббус ҷалби фаъолонаи ҷомеаи илмӣ буд. Дар доираи ин сол шабакаҳои илмӣ бо иштироки донишгоҳҳо, хадамоти обуҳавосанҷӣ ва муассисаҳои рушди устувор таъсис ёфтанд. Гузоришҳои таҳлилӣ нашр гардиданд, методикаҳои арзёбии ҷараёнҳои обии фаромарзӣ таҳия шуданд, сенарияҳои иқлимӣ моделсозӣ гардиданд ва таъсири онҳо ба инфрасохтори обӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт. Барномаҳои маърифатию иттилоотӣ бо ҳадафи баланд бардоштани огоҳии аҳолӣ дар бораи истифодаи сарфакоронаи об ва санитария роҳандозӣ шуданд. Барномаҳои вижа барои мактабҳо ва ҷомеаҳои деҳотӣ таҳия гардиданд, ки ба фалсафаи башардӯстонаи Пешвои миллат мувофиқат мекарданд.

Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об робитаи мустақими дастрасӣ ба об, рушди устувор ва ҳуқуқи инсонро таъкид намуд. Манбаъҳои нокифоя ё ғайриамни об ба паҳншавии бемориҳои сироятӣ, афзоиши камбизоатӣ оварда мерасонанд. Дар доираи ташаббус масъалаи баробарии гендерӣ низ аҳамияти вижа пайдо кард, зеро дар минтақаҳои деҳот занон ва духтарон бештар масъули таъмини оби рӯзгор мебошанд. Беҳтарсозии инфрасохтори обрасонӣ ҳамчун роҳи тавсеаи ҳуқуқи занон, афзоиши ҳузури духтарон дар мактабҳо ва таҳкими иқтисоди маҳаллӣ арзёбӣ гардид.

Татбиқи ташаббус бо Ҳадафҳои рушди ҳазорсола пайванди зич дошт ва ба марҳалаи гузариш ба Ҳадафҳои рушди устувор роҳ кушод. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намуданд, ки пешрафт дар соҳаи об барои комёбии дигар самтҳои ҷаҳонӣ аҳамияти ҳалкунанда дорад: решакан кардани фақри шадид, таъмини амнияти озуқаворӣ, дастрасӣ ба маориф, рушди энергетикаи бар асоси захираҳои гидрологӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим. Аз ин рӯ, ҳамкории обӣ ҳамчун афзояндаи устувории рушд маънидод мегардад, зеро беҳбудии вазъ дар соҳаи об ба якбора дар якчанд андозаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ таъсири мусбат мерасонад.

Аҳамияти Соли байналмилалии ҳамкории об дар пайванди институтсионалии он низ таҷассум ёфт. Таҷрибаи соли 2013 ба ташаккули сохтори нави машваратҳои бисёрҷониба замина гузошт, ки он ба ташаббусҳои минбаъдаи Тоҷикистон асос гардид. Баъди анҷоми соли ҳамкорӣ дар соҳаи об, талошҳои дипломатияи тоҷик ба омодасозии марҳалаи нави сафарбарии ҷаҳонӣ – Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» барои солҳои 2018-2028 равона гардиданд. Ташаббусҳои баъдӣ дар соҳаи ҳифзи пиряхҳо ва Даҳсолаи дастгирии илмҳои криосфера низ бар таҷрибаи андӯхтаи ҳамкорӣ ва ҳамгироии илмӣ, ки дар соли 2013 такмил ёфта буд, такя карданд.

Барои Осиёи Марказӣ ин ташаббус аҳамияти амалӣ дошт. Минтақа аз дараҷаи баланди вобастагӣ аз обҳои фаромарзӣ, мавсимияти ҷараён ва ҳассосият ба тағйирёбии иқлим хос мебошад. Тоҷикистон ҳамчун кишвари болооб ва ташаккулдиҳандаи ҷараёни асосӣ дар як қатор ҳавзаҳо нақши калидӣ дар таъмини амнияти обии ҳамсоягон мебозад. Дар доираи соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об робитаҳои мутахассисон миёни идораҳои соҳавии кишварҳои минтақа густариш ёфтанд, машваратҳо оид ба идоракунии иншооти гидроэнергетикӣ фаъол шуданд ва масъалаи тавозун миёни реҷаи энергетикӣ дар болооб ва ниёзҳои обёрӣ дар поёноб баррасӣ гардид. Ин раванд ба таҳкими шаклҳои музокиротӣ ва заминаи муколамаи созанда дар оянда мусоидат намуд.

Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи оби соли 2013 барои Ҷумҳурии Тоҷикистон обрӯ ва эътибори онро ҳамчун иштирокчии масъулу ташаббускори муколамаи ҷаҳонии обӣ мустаҳкам намуд. Он нишон дод, ки ҳатто як давлати хурд, ки дорои захираҳои муҳими табиӣ ва иродаи сиёсӣ мебошад, метавонад ташаббусҳои байналмилалии дорои аҳамияти низомвӣ ба роҳ монад. Барои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин ташаббус зинаи муҳим дар пешбурди рӯзномаи васеътари экологӣ гардид, ки масоили иқлим, криосфера, рушди устувор ва ҳамбастагии байналмилалиро фаро мегирад.

**Маҷмаи Умумӣ**

Distr.: General
11 February 2012

**Иҷлосияи шасту панҷум**
Банди 20*а* барномаи рӯз

## Қатънома, ки аз тарафи Маҷмаи Умумӣ 20 декабри соли 2010 қабул шудааст

*[аз рӯи маърӯзаи Кумитаи дуюм (A/65/436/Add.1)]*

### 65/154. Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, соли 2013

*Маҷмаи Умумӣ,*

бо истинод ба қатъномаи 47/193 аз 22 декабри соли 1992 дар бораи баргузории Рӯзи ҷаҳонии захираҳои об, қатъномаи 55/196 аз 20 декабри соли 2000, ки дар он соли 2003 Соли байналмилалии оби тоза эълон шудааст, қатъномаи 58/217 аз 23 декабри соли 2003, ки дар он давраи солҳои 2005-2015, аз Рӯзи ҷаҳонии захираҳои об 22 марти соли 2005, Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт" эълон шудааст, қатъномаи 59/228 аз 22 декабри соли 2004, қатъномаи 61/192 аз 20 декабри соли 2006, ки дар он соли 2008 соли байналмилалии беҳдошт эълон карда шуд, ва қатъномаи 64/198 аз 21 декабри соли 2009 дар бораи баррасии миёнамуҳлати ҳамаҷонибаи ҷараёни гузаронидани Даҳсола,

бо ишора ба қатъномаи 1980/67 Шурои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аз 25 июли соли 1980 дар бораи солҳо ва солгардҳои байналмилалӣ ва қатъномаи Маҷмаи Умумӣ 53/199 аз 15 декабри соли 1998 ва 61/185 аз 20 декабри соли 2006 дар бораи эълони солҳои байналмилалӣ,

бо истинод ба эъломияи Рио-Де-Жанейро оид ба муҳити зист ва рушд[1] ва тамоми принсипҳои он, муқаррароти Рӯзномаи асри XXI[2], Барномаи амал оид ба татбиқи минбаъдаи Рӯзномаи асри XXI[3], ки дар иҷлосияи нуздаҳуми махсуси он қабул шудааст, Эъломияи Йоханнесбург оид ба рушди устувор[4], Нақшаи иҷрои қарорҳои Вохӯрии сатҳи олии ҷаҳонӣ оид ба рушди устувор

[1] *Ҳисоботи Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба муҳити зист ва рушд, Рио-де-Жанейро, 3-14 июни 1992, ч. I, Қарорҳои қабулкардаи Конференсия (нашри Созмони Милали Муттаҳид, Фурӯш № E.93.1.8 ва ислоҳот), қатъномаи 1, замимаи I*

[2] *Ҳамон ҷо, замимаи II.*

[3] *Қатъномаи S-19/2, замима*

[4] *Гузориши Саммити умумиҷаҳонӣ оид ба рушди устувор, Йоханнесбург, Африқои Ҷанубӣ, 26 август – 4 сентябри 2002 (нашри Созмони Милали Муттаҳид, Фурӯши № E.03.P.A.1 ва тасниф), боби. I, қатъномаи 1, замима*

("Нақшаи иҷрои қарорҳои Йоханнесбург")[5] ва ҳуҷҷати ҷамъбастии Ҷаласаи умумии сатҳи ассамблеяҳо оид ба ҳадафҳои рушд, ки дар Эъломияи ҳазорсола[6] таҳия шудаанд, ва ӯҳдадориҳои дар он муқарраршуда,

махсусан қайд карда, ки захираҳои об барои рушди устувор, аз ҷумла ҳифзи муҳити зист ва рафъи камбизоатӣ ва гуруснагӣ, барои таъмини саломатӣ ва некӯаҳволии одамон комилан муҳиманд ва барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушд, ки дар эъломияи ҳазорсола таҳия шудаанд, аҳамияти аввалиндараҷа доранд,

бо тасдиқи дубораи ҳадафҳои рушди дар сатҳи байналмилалӣ мувофиқашуда оид ба обтаъминкунӣ ва беҳдошт, аз ҷумла ҳадафҳои дар Эъломияи ҳазорсолаи Созмони Милали Муттаҳид[7] таҳияшуда ва азми қавӣ барои расидан ба ҳадафи то соли 2015 ду баробар кам кардани ҳиссаи аҳолӣ, ки ба оби тозаи ошомиданӣ дастрасӣ надоранд, аз ҷумла аз сабаби нарасидани маблағ, ва ҳадафҳои дар Нақшаи иҷрои қарорҳои Йоханнесбург муқарраршуда барои ду маротиба коҳиши ҳиссаи аҳолӣ, ки ба хизматрасонии асосии санитарӣ дастрасӣ надоранд, инчунин то соли 2005 нақшаҳои идоракунии комплексии фаъолияти хоҷагии об ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи об ҳангоми кӯмак ба кишварҳои рӯ ба инкишоф таҳия карда шаванд,

бо ишора ба қатъномаи 64/292 аз 28 июли соли 2010 дар бораи ҳуқуқи инсон ба об ва беҳдошт,

бо ишора ба қатъномаи 15/9 Шуро оид ба ҳуқуқи инсон аз 30 сентябри соли 2010[8],

бо қаноатмандӣ кори Комиссияи рушди устуворро дар сессияҳои дувоздаҳум, сездаҳум, шонздаҳум ва ҳабдаҳуми он оид ба мушкилоти захираҳои об ва беҳдошт ва натиҷаҳои ин кор қайд намуда,

инчунин дар доираи иҷлосияи шасту чоруми Маҷмаи Умумӣ муколамаи интерактивӣ оид ба масъалаи гузаронидани Даҳсола, ки 22 марти соли 2010 дар рӯзи ҷаҳонии захираҳои об баргузор шуд, қайд карда,

ҳамчунин кори конфронси байналмилалии сатҳи баландро оид ба баррасии миёнамуҳлати ҳамаҷонибаи ҷараёни гузаронидани Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт", солҳои 2005-2015, ки 8-9 июни соли 2010 дар Душанбе баргузор гардид, қайд намуда,

бо ишора ба баргузории 16-22 марти соли 2009 дар Истамбули Туркия, Форуми панҷуми ҷаҳонии об ва қайд кардани он, ки Форуми шашуми ҷаҳонии об моҳи марти соли 2012 дар Марсели Фаронса баргузор мешавад,

бо идома додани нигарониҳо дар бораи пешрафти суст ва нобаробар дар расидан ба ҳадафи ду маротиба кам кардани ҳиссаи аҳолӣ, ки дастраси

---

[5] *Ҳамон ҷо, қатъномаи 2 замима*
[6] *Ниг. Қатъномаи 65/1*
[7] *Ниг. қатъномаи 55/2*
[8] *Ниг. ба ҳисоботҳои расмии Маҷмаи Умумӣ, Иҷлосияи 65-ум, Замимаи № 53А (А/65/53/Add.1), боби. II*

устувор ба оби тозаи ошомиданӣ ва хизматрасонии асосии беҳдошт надоранд, дар ҳоле ки тағйирёбии иқлими ҷаҳонӣ ва дигар мушкилот ба миқдор ва сифати об таъсири ҷиддӣ мерасонанд ва дар ин робита эътироф кардани нақши бениҳоят муҳиме, ки соли байналмилалии ҳамкории об метавонад, бо назардошти ҳолатҳои мушаххас, аз ҷумла дар фаъолсозии муколама ва ҳамкорӣ дар ҳама сатҳҳо, ва саҳми муҳими ӯ дар Даҳсола,

1. ҳисоботи Дабири кулро дар бораи баррасии миёнамуҳлати ҳамаҷонибаи ҷараёни Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт", солҳои 2005-2015 ба инобат мегирад[9];

2. қарор мекунад, ки соли 2013 Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об эълон карда шавад;

3. ба Дабири кул пешниҳод менамояд, ки дар ҳамкорӣ бо шабакаи "СММ - захираҳои об" ва бо дарназардошти муқаррароти замимаи қатъномаи 1980/67 Шурои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои ташкили чорабиниҳои Сол чораҳои зарурӣ андешад ва пешниҳоди зарурирo оид ба татбиқи чорабиниҳо дар ҳама сатҳҳо барои мусоидат ба давлатҳои аъзо дар гузаронидани Сол омода созад;

4. ба давлатҳои аъзо, Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид ва ҳамаи ҷонибҳои дигар тавсия медиҳад, ки аз гузаронидани Сол чунин истифода баранд, ки дар ҳама сатҳҳо, аз ҷумла дар мавридҳои муносиб, дар самти ҳамкории байналмилалӣ, амалҳоро, ки ба ноил шудан ба ҳадафҳои ҳамоҳангшудаи байналмилалӣ дар соҳаи обтаъминкунӣ равон шудаанд, ва дар Рӯзномаи асри XXI2, Барномаи амал оид ба татбиқи минбаъдаи Рӯзномаи асри XXI3, Эъломияи ҳазорсолаи Созмони Милали Муттаҳид7 ва Нақшаи иҷрои қарорҳои Йоханнесбург5 дарҷ гардидаанд, тарғибу ташвиқ намуда, инчунин дарки амиқи аҳамияти онҳоро таъмин кунанд;

5. аз Дабири кул хоҳиш мекунад, ки дар ҷаласаи шасту нуҳуми Маҷмаи Умумӣ дар бораи татбиқи ин қатънома гузориш диҳад.

*Ҷаласаи 69-уми пленарӣ,*

*20 декабри соли 2010*

[9] *A/65/297*